# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсия ва автореферати Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло бо роҳбарии ман таҳия гардида, аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ва сатҳи илмӣ ба яке аз самтҳои мубрами илми педагогика бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқот — ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик — ба масъалаҳои калидии низоми миллии маориф, ислоҳоти соҳаи маориф ва татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим мувофиқ аст. Ин масъала дорои аҳамияти илмӣ ва иҷтимоии бузург мебошад, зеро рушди тафаккури маърифатии насли ҷавон ва ташаккули қобилияти таҳлилӣ яке аз ҳадафҳои стратегӣ дар низоми таҳсилоти миллӣ ба шумор меравад .

Муаллиф дар раванди иҷрои таҳқиқот мустақилият ва савияи баланди таҳлили илмиро нишон додааст. Мундариҷаи диссертатсия бо истифодаи адабиёти муосири илмӣ, таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ ва таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия шудааст. Дар натиҷаи таҳлил, муаллиф мафҳуми “салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ”-ро тавсеа дода, шароити педагогии ташаккули онҳоро дар раванди таълими фанни таърих муайян намудааст.

Бартарии назарраси кори илмӣ дар он аст, ки модел ва механизми педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ таҳия гардидааст, ки аз лиҳози назариявӣ асоснок ва аз ҷиҳати амалӣ санҷида шудааст. Модели пешниҳодгардида дорои сохтори возеҳ буда, пайдарҳамии мантиқӣ ва устувории назариявӣ дорад. Натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи ин модел ба баланд гардидани сатҳи фаъолиятҳои маърифатӣ ва иттилоотии хонандагон мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни таҳқиқот Маҷидзода Ҷ. С. аз усулҳои гуногуни илмӣ – таҳлили назариявӣ, муқоисавӣ, мушоҳида, пурсиш, озмоиши педагогӣ ва коркарди оморӣ — самаранок истифода бурдааст. Интихоби дурусти усулҳои таҳқиқотӣ бо ҳадаф ва вазифаҳои илмӣ мувофиқат намуда, ба натиҷаҳои боэътимод овардааст. Муаллиф на танҳо аз лиҳози назариявӣ, балки дар сатҳи амалӣ низ тавонистааст самтҳои навро барои такмили раванди таълими таърих муайян созад.

Маводи илмии дар диссертатсия истифодашуда, сабки таҳлили муаллиф, мантиқи пешниҳоди фикр, истифодаи дақиқи истилоҳоти педагогӣ ва

пайдарҳамии мантиқии қисмҳо далели дараҷаи баланди омодагии илмии ӯ мебошанд. Хулосаҳои асосии рисола бо далелҳои воқеӣ ва натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши назариявӣ ва амалии баланд даранд ва метавонанд дар фаъолияти омӯзгорон, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва методикаи фанни таърихи халқи тоҷик истифода шаванд.

Бо дарназардошти мазмун, сохтор, асоснокии назариявӣ, самаранокии методологӣ ва арзиши амалии натиҷаҳо, ман ба хулосае омадаам, ки диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло аз рӯйи мазмун, услуб, мантиқ ва сатҳи иҷро ба тамоми талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад.

Муаллиф тадқиқоти мустақилона анҷом додааст, дорои салоҳияти баланди илмӣ мебошад ва аз рӯйи мазмуну мундариҷа, натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои пешниҳодгардида, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи
таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва
олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Маҳкамов Дастам
“2” 04.2025

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2. Тел.: (+992-32) 2274525, 2274600. E-mail: prmatt@maorif.tj

*Имзои Д.Маҳкамовро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Хосият